# АРИЗАИ АПЕЛЛЯТСИОНӢ

Довталаб ҳуқуқ дорад аризаи апеллятсионӣ диҳад, агар:

- **тартиби баргузории имтиҳонҳо дар маркази имтиҳонӣ риоя нагардад;**
- **аз натиҷаи имтиҳонҳо, яъне холҳои дар имтиҳонҳо ба ӯ гузошташуда норозӣ бошад.**

Довталаб аризаи апеллятсиониро оид ба риоя нагардидани тартиби баргузории имтиҳонҳо (расми 27-ум) **рӯзи имтиҳон, аз маркази имтиҳонӣ берун набаромада,** ба роҳбари маркази имтиҳонӣ бояд пешниҳод намояд. Аризаи апеллятсионии довталаб дар ҳолатҳое баррасӣ карда мешавад, ки агар ба як ё якчанд масъалаҳои зерин дахл кунад:

- *нодуруст (хилофи тартиби протоколи рафти имтиҳон) шинонидани довталабон, нодуруст тақсим кардани китобчаҳои тест, штрих-кодҳоро дар варақаҳои ҷавобҳо нодуруст часпонидани маъмури имтиҳон;*
- *варианти китобчаи тестро дар варақаи ҷавобҳо галат қайд кардани довталаб (оид ба ин ва масъалаи боло довталаб метавонад баъд аз имтиҳонҳо, на дертар аз муҳлати муқаррааргардида, пас аз эълони натиҷаҳо ба комиссияи апеллятсионии Марказ низ муроҷиат намояд);*
- *риоя нагардидани тартиби баргузории имтиҳонҳо, ки ба натиҷаи кори довталаб таъсири манфӣ расонидааст;*
- *ёрӣ расонидани маъмури имтиҳон ба довталаб(он) ҳангоми иҷрои тест;*
- *додугирифти маводи ёрирасон (шпаргалка) байни довталабон ё бо ҳам суҳбат кардани онҳоро дар синфхонаи имтиҳон дидани маъмури имтиҳон ва аҳамият надодан ба он;*
- *ошкор шудани маводи истифодааш мамнуъ дар имтиҳон ва чорае надидани маъмури имтиҳон дар ин маврид.*

Комиссияи апеллятсионӣ аризаи довталабро оид ба риоя накардани тартиби баргузории ИМД дар маркази имтиҳонӣ баррасӣ менамояд. Вай дар асоси хулосаи комиссияи кории маркази имтиҳонӣ дар бораи натиҷаи санҷиши ҳолат(ҳо)и дар аризаи апеллятсионии довталабон баёншуда ва баррасии маводи дахлдор қарор мебарорад. Намояндаи ваколатдори Марказ хулоса ва маводи дахлдорро, ки дар рафти санҷиш таҳия ва ба даст оварда шудааст, рӯзи анҷоми санҷиш ба комиссияи апеллятсионии Марказ барои қабули қарори дахлдор мефиристад. Комиссияи апеллятсионии Марказ аризаҳои довталабонро оид ба риоя накардани тартиби баргузории имтиҳонҳо баррасӣ карда, қарори дахлдор мебарорад ва онҳоро аз ин огоҳ менамояд.

Аризаи апеллятсионии довталаб дар бораи норозӣ буданаш аз натиҷаи имтиҳонҳо бояд (расмҳои 28-ум ва 29-ум) **дар давоми 3 рӯз пас аз эълони натиҷаи имтиҳонҳо – аз 25-ум то 27-уми июл** ба Марказ ё бахшҳои минтақавии он дар шакли

чопӣ ё бо почтаи электронии Марказ пешниҳод карда шавад. Аризаи апеллятсионии довталаб дар бораи норозӣ буданаш аз натиҷаи имтиҳонҳо дар ҳолатҳое баррасӣ карда мешавад, ки агар ба як ё якчанд масъалаи зерин алоқа дошта бошад:

– *галат будани саволу масъалаҳои тест;*
– *арзёбии нодурусти натиҷаи имтиҳонҳои довталаб;*
– *ба довталаб мансуб набудани варақаҳои ҷавобҳо, ки дар кабинети инфиродии ӯ гузошта шудааст.*

Комиссияи апеллятсионӣ аризаҳои довталабонро оид ба норозӣ будан аз натиҷаи имтиҳонҳо (холҳои дар имтиҳонҳо ба онҳо гузошташуда) баррасӣ карда, қарори дахлдор мебарорад ва онҳоро аз ин огоҳ менамояд.

Довталаби аз натиҷаи имтиҳони эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус норозиро зарур аст, аризаашро бо далелҳои мушаххас асоснок карда, ба комиссияи апеллятсионии муассисаи таълимие, ки дар он чунин имтиҳонро супоридааст, дар **рӯзи эълони натиҷаҳои ин имтиҳон** пешниҳод намояд. Инчунин, довталабе, ки аз натиҷаи имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ норозӣ аст, аризаашро бо далелҳои мушаххас асоснок карда, ба комиссияи апеллятсионии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе дар **рӯзи эълони натиҷаҳои ин имтиҳон** пешниҳод кунад. Ин аризаҳоро комиссияи апеллятсионии муассисаи таълимии дахлдор тибқи тартиб дар давоми як рӯз баррасӣ карда, қарор мебарорад.

!

- **Аризаи апеллятсиониро бояд сари вақт пешниҳод намоед. Аризае, ки пас аз мухлати муайяншуда пешниҳод мегардад, баррасӣ намешавад.**
- **Барои навиштани аризаи апеллятсионӣ вобаста ба ҳолати риоя нагардидани тартиби имтиҳон аз маркази имтиҳонӣ набаромада ба роҳбари маркази имтиҳонӣ муроҷиат намоед. Варақаи аризаро аз роҳбари маркази имтиҳонӣ дархост кунед.**
- **Сабаби навиштани аризаро мушаххас ва асоснок кунед. Аризаи беасос баррасӣ нахоҳад шуд.**
- **Пеш аз навиштани ариза дар бораи норозӣ буданатон аз холҳои гузошташуда барои имтиҳон бояд нусхаи варақа(ҳо)и ҷавобҳои имтиҳонҳоятонро аз кабинети инфиродӣ дастрас карда, ҷавобҳоятонро аз варақа(ҳо)и ҷавобҳои худ бо ҷавобҳои дуруст (калидҳо)-и саволу масъалаҳои тест, ки дар сомонаи Марказ гузошта мешавад, муқоиса кунед ва бовар ҳосил кунед, ки даъвоятон асос дорад.**
- **Агар то 31-уми июл натиҷаи аризаи Шумо маълум нагардад, бевосита ба Марказ муроҷиат намоед.**
- **Аризаҳои апеллятсионӣ дар бораи норозӣ будан аз натиҷаи имтиҳонҳои эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус ва имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ дар Марказ қабул карда намешавад.**

**Шакли АПВТМ**

**АРИЗАИ АПЕЛЛЯТСИОНӢ**
**дар бораи вайрон кардани тартиби муқаррargардидаи баргузории ИМД дар маркази имтиҳонӣ**

*Аризадиҳанда/довталаб пур мекунад*

**Маркази имтиҳонӣ** ☐☐/☐☐ ☐☐☐ ☐

рақам/№ | рақами синфхона | вилоят, шаҳр/ноҳия

**Роҳбари маркази имтиҳонӣ (МИ)** ☐

ному насаб

**Қисми (компоненти)** ☐ ☐

А/Б/АБ-9 | таърихи супоридани имтиҳон

**Маълумот дар бораи аризадиҳанда/довталаб**

Рақами назоратӣ/ID № ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

Насаб ☐

Ном ☐

Номи падар ☐

Ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ☐

шиноснома (силсила ва рақам) ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсият

## АРИЗА

Аз комиссияи апеллятсионӣ хоҳиш мекунам, ки аризаи маро дар бораи вайрон кардани тартиби муқарраргардидаи баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар маркази имтиҳонӣ баррасӣ намояд.

**Мазмуни даъво** (ҳолатҳои вайрон кардани тартиби гузаронидани имтиҳонҳоро мухтасар шарҳ диҳед):

______________________________

☐☐ ☐☐ ☐☐ ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ ______ ______

рӯз | моҳ | сол | рақами телефон | e-mail | имзои аризадиҳанда/довталаб

*Кормандони МИ ва ММТ пур мекунанд*

**Аризаи апеллятсиониро қабул кард:**

______ ______ ______

вазифа (корманди МИ) | имзо | ному насаб

______ ______ ______

вазифа (корманди Марказ) | имзо | ному насаб

рӯз моҳ сол
☐☐ ☐☐ ☐☐

Рақами бақайдгирӣ ☐☐☐☐☐☐

**Расми 27.** Қолаби аризаи апеллятсионӣ оид ба вайрон кардани тартиби баргузории имтиҳон

**АРИЗАИ АПЕЛЛЯТСИОНӢ**
**дар бораи норозӣ будан аз холҳои гузошташуда дар ИМД**

**Шакли АПНХГ**

Аризадиҳанда/довталаб пур мекунад

**Маркази имтиҳонӣ** ☐☐/☐☐ ____________________

рақам/№ — муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ/литсей/гимназия, шаҳр/ноҳия

| **Қисми А (имтиҳони умумӣ)** | **Қисми Б (имтиҳони ихтисос)** |
|---|---|
| рақами синфхона; варианти китобчаи тест; рӯз, моҳ, сол (санаи имтиҳонсупорӣ) | рақами синфхона; варианти китобчаи тест; рӯз, моҳ, сол (санаи супоридани имтиҳон) |

**Маълумот дар бораи аризадиҳанда/довталаб**

Рақами назоратӣ/ID №

Насаб ____________________

Ном ____________________

Номи падар ____________________

Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ____________________

шиноснома, силсила ва рақам

## АРИЗА

Аз комиссияи апеллятсионӣ хоҳиш мекунам, ки аризаи маро дар бораи норозӣ буданам аз холҳои дар ИМД ба ман гузошташуда баррасӣ намояд. **Мазмуни даъво** (сабабҳои норозӣ будан аз холҳои ба Шумо гузоштшударо бо далелҳо мухтасар шарҳ диҳед)**:**

____________________

Хоҳиш менамоям, ки аризаи маро ____________________ дида бароед.

дар ҳузури ман/намояндаи ман/бе ҳузури ман

рӯз моҳ сол — рақами телефон — e-mail — имзои аризадиҳанда/довталаб

Корманди Марказ пур мекунад

**Аризаи апеллятсиониро қабул кард:** ____________ вазифа ____________ имзо ____________ ному насаб

рӯз моҳ сол

Рақами бақайдгирӣ

**Расми 28.** Қолаби аризаи апеллятсионӣ оид ба норозӣ будан аз холҳои гузошташуда дар ИМД (барои довталабоне, ки имтиҳони қисмҳои А ва Б ё яке аз инҳоро супоридаанд)

**АРИЗАИ АПЕЛЛЯТСИОНӢ**
**дар бораи норозӣ будан аз холҳои гузоштašуда дар ИМД**

**Шакли АПНХГ (АБ-9)**

Аризадиҳанда/довталаб пур мекунад

**Маркази имтиҳонӣ** ☐☐ / ☐☐ ____________________

рақам/№ — муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ/литсей/гимназия, шаҳр/ноҳия

**Қисми АБ-9 (имтиҳон барои хатмкардагони синфи 9-ум)**

☐☐☐ ☐☐ ☐☐ ☐☐ ☐☐

рақами синфхона — варианти китобчаи тест — рӯз моҳ сол (санаи супоридани имтиҳон)

**Маълумот дар бораи аризадиҳанда/довталаб**

Рақами назоратӣ/ID № ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

Насаб ____________________

Ном ____________________

Номи падар ____________________

Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ____________________

шиноснома, силсила ва рақам

## АРИЗА

Аз комиссияи апеллятсионӣ хоҳиш мекунам, ки аризаи маро дар бораи норозӣ буданам аз холҳои дар ИМД ба ман гузошташуда баррасӣ намояд. **Мазмуни даъво** (сабабҳои норозӣ будан аз холҳои ба Шумо гузошташударо бо далелҳо мухтасар шарҳ диҳед)**:**

____________________

____________________

____________________

Хоҳиш менамоям, ки аризаи маро ____________________ дида бароед.

дар ҳузури ман/намояндаи ман/бе ҳузури ман

☐☐ ☐☐ ☐☐ ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ ____________________ ____________________

рӯз моҳ сол — рақами телефон — e-mail — имзои аризадиҳанда/довталаб

Корманди Марказ пур мекунад

**Аризаи апеллятсиониро қабул кард:** ____________ ____________ ____________

вазифа — имзо — ному насаб

рӯз моҳ сол

☐☐ ☐☐ ☐☐

Рақами бақайдгирӣ ☐☐☐☐☐☐

**Расми 29.** Қолаби аризаи апеллятсионӣ оид ба норозӣ будан аз холҳои гузошташуда дар ИМД (барои довталабоне, ки имтиҳони қисми АБ-9-ро супоридаанд)